**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ш. Душанбе, 2025 с.**

Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» дар баландии зиёда аз 600 метр аз сатҳи баҳр ба анҷом расонида шудааст. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мазкур, ба ҳалли мушкилоти селексия ва баҳодиҳии хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави интродуксионии олу бахшида шуда, ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Олу яке аз навъҳои асосии дарахтони донакдори мевадиҳанда ба ҳисоб рафта, хусусиятхои муҳими экологию хоҷагидориро дарбар мегирад. Аз ҳисоби миқдори зиёди пайвастагиҳо, аз ҷиҳати биологӣ фаъол (қандҳои ба осонӣ ҳалшаванда, кислотаҳои органикӣ, пектинҳо, танинҳо, моддаҳои фаъоли биологӣ витаминҳои гурӯҳҳои В, С ва Е, намакҳои минералӣ), инчунин ҷолибии намуди зоҳирӣ ва таъми меваҳои онҳо ҷузъи пурарзиши ғизои аҳолӣ мебошанд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2004 таҳти рақами 499 «Дар бораи барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018 таҳти рақами 793, аз 30 декабри соли 2015 оид ба “Барномаи навбатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” бунёди 17,5 ҳазор гектар боғу токзори нав, аз он ҷумла 500 гектар боғҳои интенсивӣ дар заминҳои талу теппаҳои бо намнокии табии таъмин ва шартан обёришаванда дастури муҳиме дар соҳаи боғдории ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои олу на чандон гуногун аст. Анвои асосӣ аслан навъҳои интродуксионӣ ва навъҳои пештар ноҳиябандишударо дарбар мегирад.

Бояд тазакур дод, ки аксари навъҳо барои парвариш дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим дар кӯраи замин, ки дар даҳсолаи охир бештар ба назар мерасанд, хусусиятҳои заруриро надоранд. Бисёрии онҳо ба касалиҳои асосӣ тобовар нестанд, меваҳои хурд доранд ва ба қадри кофӣ сермаҳсул нестанд. Ҳоло навъҳои зиёди олу дар дигар кишварҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, ки дар шароити обу ҳавои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз омӯхта нашудаанд.

Инчунин хусусиятҳои иқтидори биологӣ, муқовимат ба фишори абиотикӣ ва биотикӣ, қонуниятҳои тағирёбии хусусиятҳои маҳсулнокӣ ва сифати меваи навъҳои интродуксионӣ вобаста ба шароити обу ҳаво ва таъсири офатҳои гуногуни табиӣ дар шароити боғдории Тоҷикистон омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ муҳимияти омӯзиши навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити ҷумҳурӣ, ба хусус ноҳияи Данғраи вилояти Хатлон имкон додааст, ки унвонҷӯ аломатҳои арзишноки онҳоро муайян намуда, навъҳои серҳосил ва сифати меваашон баландро барои селексия ва истеҳсолот, интихоб ва пешниҳод намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муаллиф асосонок мекунад, ки дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба бори аввал гузариши мариҳилаҳои фенологӣ, хусусиятҳои биоморфологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобгардонии 8 навъи интродуксионии олу дар шароити агроэкологии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон муайян намудааст.

Инчунин устувории навъҳо ба каслиҳои асосии занбуруғӣ, дараҷаи осебрасонии ҳашаротҳои зараррасон, ҳосилнокӣ, таркиби биохимиявии мева ва самарнокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақа амалӣ карда шудаанд.

Барои расидан ба ҳадафии илмиаш, унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. чунин нуктаҳои муҳими илмиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1. Омӯзиши таасури навъҳои олу ба тағйирёбии ҳарорати ҳаво, гузариши марҳилаҳои фенологӣ ва ченакҳои биометрӣ баҳогузорӣ гардид.

2. Дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон оид ба ҳосилнокӣ, сифати меваи тару тоза, хушк ва таркиби биокимиёвии навъҳои нави интродуксионии олу омӯзишҳо гузаронида шуд.

3. Баҳодиҳии устувории навъҳои олу ба каслии асосии занбӯруғӣ-монолиоз ва дараҷаи зараррбинии онҳо аз ҳашаротҳои зараррасон баҳогузорӣ гардид.

4. Ба гармӣ тобовар будани навъҳои олу дар шароити минтақа зери омӯзиш қарор дода шуда, аз рӯйи методика ҷадвали 5-хола (0-5 хол) баҳогузорӣ карда шуд.

5. Самаранокии иқтисодии парвариши 8 навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, муайян карда шуд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои асосии таҳдқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф ҳамасола дар ҷаласаҳои шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ (дар тӯли солҳои 2017-2020) муҳокима карда шудаанд. Корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар асоси методикаи қабулшуда, дар боғдорӣ "Программа и методика сортоизучения плодовых, ягодных и орехоплодных культур", Орёл [1999] гузаронида шуда, матни диссертатсия дар барномаи компютерии Microsoft Word (2010) ва натиҷаҳои гирифташуда бо истифода аз усули таҳлили дисперсионӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985] дар барномаи компютерии Microsoft Excel (2010) гузаронида шудаст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба таҳқиқоти илмӣ .асос ёфтаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ дар 152 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боби асосӣ, хулоса,

тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 23 ҷадвал, 16 расм ва 12 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 175, аз ҷумла 17 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи тадқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, обеъкту предмети тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадаст овардашуда муайн шудаанд.

**Дар боби якуми** рисолаи диссертатсионии Фозилов Ҷ.Д. маълумотҳои зарурӣ аз адабиётҳои гуногуни муаллифҳои зиёди ватаниву хориҷӣ доир ба сарчашмаҳои таърихӣ дар панҷ зербоб, аз ҷумла; зербоби якум таърихи пайдоиш ва тавсифи ботаникии олу, зербоби дуюм хусусиятҳои биологию агроэколии навъҳои интродуксионии олу, зербоби сеюм паҳншавӣ ва аҳамияти иқтисодии олу, зербоби чорум нақши селексия ҷиҳати ба дастоварии навъҳои нави интродуксионии олу ва дар боби панҷум бошад, парвариши олу дар Тоҷикистон дар ҳаҷми 31 саҳифа пешниҳод шудааст, ки онҳо аҳамияти таҳлилии ин бобро пурра баён менамоянд.

Ба андешаи мо дар ин боб маълумоти зарурӣ оид ба таърихи корҳои селексионӣ дар Тоҷикистон, саҳми олимони тоҷик дар ба даст овардани навъҳои нави олу дар зербоби алоҳида оварда мешуд аҳамияти корро боз пуратар мегардонид.

**Дар боби дуюми рисола** унвонҷӯй маълумотҳои муҳимро доир ба нишондодҳои иқлим, таркиби хок, оид ба навъҳои нави интродуксионии олу, ки дар тадқиқот истифода шудаанд, ҳамаи усулҳои гузаронидашудаи илмиашро дар 2 зербоб овардааст. Аз ҷумла: зербоби якум шароиту иқлими хоки макони тадқиқот буда, маълумотҳои муфассал оид ба таркиби хоки минтақаи тадқиқот оварда шудааст. Дар зербоби дуюм дуюм бошад, маълумот оид ба методика, объектҳо ва маводҳои тадқиқот дарҷ гардидааст.

**Дар боби сеюми** рисола натиҷаҳои ба даст овардаи корҳои илмии муаллиф таҳлил гардида, аз 8 зербоб ва зербоби дуюм аз 5 зербоби дигар

иборат мебошад. Дар ин зербобҳо маълумотҳои арзишноки илмӣ, аз ҷумла; агротехникаи парвариши навъҳои интродуксионии олу дар қитъаи таҷрибавӣ, гузариши марҳилаҳои фенологии навъҳои олу, оғози давраи нашъунамо, гулкунӣ, ташакулёбии мева, муҳлати пухтарасӣ, баҳодиҳии ҳосилнокӣ, сифати меваи тару тоза ва хушк, таркиби биокимиёвии меваҳо ва хусусиятҳои экологии навъҳои нави олу бо таҳлилҳои саҳеҳи илмӣ пешниҳод гардидааст.

Дар зербоби аввал муаллиф агротехникаи парвариши навъҳои нави интродуксионии олуро дар қитъаи таҷрибавӣ пешниҳод намуда, маҷмуи чорабиниҳои агротехникиро вобаста ба давраи гузаронидан пай дар пай дар матн пешниҳод намудааст.

Дар боби мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки фарқияти аломатҳои омӯхташударо ба тағийрёбии ҳарорату боришотҳои солҳои омӯзиш алоқаманд баҳогузори намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки бо назардошти бақайдгирии боришотҳо дар солҳои тадқиқот (2017-2020) ва муътадилшавии ҳарорати иқлими минтақа дар ин солҳо натиҷаҳои назаррас ба даст омадааст. Дар охири ин боби аз тарафи муаллиф зиёдшавии шумораи меваҳоро дар дарахт ва баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳо, инчунин алоқмандии колератсионии навъҳои олуро баррасӣ намуда, навъҳои Блю фри, Стенлей ва Кабардинская ранняя-ро ҳамчун навъҳои серҳосил ва ояндадори олу баҳогузорӣ менамояд.

**Дар боби чоруми рисола** маълумотҳои зарурӣ баҳодиҳии устувории навъҳои нави итродуксионии олу ба омилҳои аботикию биотикӣ, дар қитъаи таҷрибавӣ ва устуворияти навъҳо ба гармӣ, инчунин дараҷаи устувории навъҳои нави олу ба касалиҳо ва ҳашаротҳои зарррасон дар макони тадқиқотҳо дар се зербоб оварда шудаанд, ки ин маълумотҳо аҳамияти калони илмӣ доранд. Унвонҷӯй дар ин боби рисола фоизи устуворияти навъҳоро ба ин ё он намуди касалӣ тариқи мушоҳидаҳои саҳроӣ бо намоён шудани намуди зоҳирӣ, бо буридани навдаҳои сиёратёфта ва чидани меваҳо аз рӯи назардид (визуали) муайян намудааст. Усуворияти навъҳо ба касалиҳо маълум карда шудааст, ки

навъҳои Блю фри, Стенлей ва Кабардинская ранняя нисбати дигар навъҳо ба касалиҳо устувориятошон миёна ва баланд мебошад.

**Дар боби панҷум** маълумотҳо оид ба самаранокии иқтисодии навъҳои нави интродуксионии олу дар шароити минтақаҳои доманакуҳӣ ва водигӣ дарҷ гаридааст. Дар ин боб муаллиф хароҷотҳои истеҳсолии воқеиро барои бунёди як га боғи олу дар шароити водигӣ муқаррар намуда, дар асоси он самаранокии иқтисодии навъҳоро муайян намудааст.

**Дар боби шашуми рисола** хулосаҳои арзишманд доир ба натиҷаҳои ба даст омадаи корҳои илмӣ- тадқиқотӣ мухтасар баррасӣ гардидааст.

**Хулоса** аз 6 банд иборат буда, асоси натиҷаҳои бадастомада ҳисобида мешавад.

Диссертатсия бо се тавсияҳои судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот дар истеҳсолот ҷамъбаст гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳамияти тадқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои агроэкологию селекционии навъҳои нави интродуксионии олу, донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи нави омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати олу мебошад.

Аҳамияти иқтисодии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз навъҳои иқтидори баланди мутобиқшавӣ ва ҳосилнокӣ дошта, дараҷаи даромаднокии парвариши навъҳоро ба 127,6% ва сатҳи фоидаро дар як гектар ба 52,4 ҳазор сомонӣ нишон додааст, ки ин нишондиҳандаи баланд дар минтақаҳои доманакуҳию водигӣ ба ҳисоб меравад.

**Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқот дар 13 маводҳои интишорӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 1 мақолаи илмӣ дар Конференсияҳои байналмилалӣ ба чоп

расиданд, ки мазмуну мундарича ва муҳтавои асосии тадқиқотро дар бар мегиранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» дар асоси талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба Талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатиҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки онҳоро метавон чунин баён намуд:

1. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва риоя нагардидани мавқеи аломати вергул ба чашм мерасанд.

2. Хуб мешуд ки дар қисмати 3.7. Хусусиятҳои экологии олу барои асоснок намудани таназулёбӣ ё ҳосилхезии хок структураи механикии хоки минтақаи тадқоқотро пешниҳод мекардед.

3. Хуб мешуд, ки агар нишондодҳои таҳлили биохимиявии меваҳои навъҳои омухташудаи олуро бо нишондодҳои минтақаҳои дигар (Осиёи Миёна ё Россия ) муқоиса мекардед.

4. Дар мундариҷаи рисола дар боби сеюм баъзе зербобҳоро якҷоя кардан (зербобҳои 3.2.3 бо 3.2.4 ва 3.4 бо 3.5) ба мақсад мувофиқ мебуд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳо ва камбудиҳои дар боло зикршуда, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса.** Дар маҷмуъ, диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсола ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илмҳои кишоварзӣ,
дотсенти кафедраи хизматрасониҳои
тиббӣ-осоишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Хусравбекова З.Г.
19 ноябри соли 2025

*Сурога:* 734013, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 11/2, хонаи - 63. Тел. (+992) 93-523-96-68,
E-mail: Zarto-74@mail.ru

Имзои З.Г. Хусравбековаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
19 ноябри соли 2025

*Сурогаи муассиса:* 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмиллалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел.: +992 (37) 234-88-02; +992 (37) 234-88-24; E-mail: rector@iutet.tj, info@iutet.tj; www.iutet.tj